То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — 19 марти соли 2026 — №3 (245)

**“Дар марҳилаи хеле ҳассосу мураккаби ҷаҳонишавӣ инсоният нисбат ба ҳар як вақти дигар ба арзишҳои волои фарҳангӣ, суннатҳои зиндагисози маънавӣ, ахлоқи ҳамида, меҳру рафоқат, ҳамдиливу ҳамкорӣ ва сулҳу оромӣ ниёзи бештар дорад. Дар чунин шароит Наврӯз чун муноиди сулҳу оромӣ, пиндору гуфтору кирдори нек ва дӯстиву ҳамкории халқҳо моро ба сӯи рӯзгори бехушунат, сулҳу субот ва кӯшиш барои зиндагии орому осуда роҳнамоӣ мекунад.”**

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муҳтарам омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни азиз!**

Бо камоли эҳтиром Шуморо ба муносибати фарорасии ҷашни фархундаи баҳору эҳёи табиат — Наврӯз самимона табрик ва таҳният мегӯям.

Наврӯз аз зумраи қадимтарин ҷашнҳои фарҳангии ниёгон буда, рамзи эҳёи табиат, тозагӣ, дӯстӣ, сулҳ ва ҳамдигарфаҳмии инсонҳо аст. Ин ҷашни бостонӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамчун ойини муқаддаси мардуми ҳавзаи тамаддуни ориёӣ ҳифз гардида, то ба ҳол бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил карда мешавад.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар эҳё ва густариши суннатҳои наврӯзӣ ба марҳилаи нав ворид гардид. Дар ин раванд саҳми Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо бузург мебошад.



# НАВРӮЗ - РАМЗИ ЭҲЁ, ВАҲДАТ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

## Табрикоти ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, ба муносибати ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ

Бо сиёсати фарҳангпарварона ва ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат арзишҳои аслии Наврӯз аз нав эҳё гардида, ба яке аз рукнҳои муҳими худшиносии миллӣ табдил ёфтанд.

Бо дастгирӣ ва ҳидоятҳои Пешвои миллат дар тамоми гӯшаву канори кишвар расму ойинҳои зебои наврӯзӣ, аз қабили оростани дастархони ҳафтсину ҳафтшин, омода намудани таомҳои миллӣ, баргузор намудани бозиҳои суннатӣ, иҷрои сурудҳои мардумӣ ва дигар анъанаҳои ниёгон бо шукӯҳу шаҳомати хоса эҳё гардиданд. Ин иқдомҳо барои баланд бардоштани ифтихори миллӣ, ҳифзи фарҳанги миллӣ ва тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ аҳамияти бузург доранд.

Ҳамчунин, бо талошҳои пайвастаи Пешвои миллат ҷашни Наврӯз ба сатҳи байналмилалӣ бароварда шуд. Бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз соли 2010 Созмони Милали Муттаҳид 21 мартро ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз эътироф намуд. Ин иқдоми таърихӣ боис гардид, ки Наврӯз ҳамчун ҷашни сулҳ, дӯстӣ ва ҳамбастагии халқҳо дар бисёр кишварҳои ҷаҳон таҷлил карда шавад.

Бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат Наврӯз дар мамлакат бо тантанаи хоса, аз ҷумла бо усули «деҳа ба деҳа» таҷлил мегардад. Ҳадафи ин ташаббус таҳкими дӯстӣ ва ҳамбастагии мардум, эҳёи анъанаҳои миллӣ, рушди муҳити иҷтимоӣ ва ободии маҳалҳо мебошад. Маҳз тавассути чунин иқдомҳо мардум ба корҳои тоза намудани муҳити зист, шинонидани дарахтон ва ҳифзи табиат саҳми фаъол мегузоранд.

Боиси ифтихор аст, ки дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ ҷашни байналмилалии Наврӯз ҳар сол бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мегардад. Устодону донишҷӯён бо рӯҳияи баланд дар баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, намоиши таомҳои миллӣ, бозиҳои суннатӣ ва барномаҳои ҳунарӣ фаъолона иштирок намуда, ба эҳё ва ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ саҳми арзанда мегузоранд. Ин гуна чорабиниҳо барои таҳкими дӯстӣ байни донишҷӯён, баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстӣ ва муаррифии фарҳанги ғании тоҷик ба насли ҷавон аҳамияти бузург доранд.

Дар фарҷом бори дигар Шуморо ба муносибати фарорасии ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона муборакбод гуфта, бароятон сиҳатии комил, рӯзгори осуда, файзу баракат ва комёбиҳои нав ба нав дар фаъолияти илмиву омӯзгорӣ ва таҳсил таманно менамоям.

Бигзор Наврӯзи хуҷаста ба ҳар хонадон шодӣ, умед ва баракати зиндагиро ато намояд.

**Наврӯз муборак бошад!**

*Гулназар,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# ЧАКОМАИ НАВРӮЗӢ

1

*Дил канори мо намегунҷад,*
*Лола дар саҳро намегунҷад,*
*Мавҷи пуршӯри раҳогашта*
*Дар дили дарё намегунҷад.*
*Иди Наврӯзи ҷаҳонафрӯз*
*Мекунад сайри ҷаҳон имрӯз.*

*Сабзаи дашту даман, бархез,*
*Нағмаи боғу чаман, бархез.*
*Эй суруди ваҳдату шавкат,*
*Аз дили ҳар марду зан бархез.*
*Иди Наврӯзи ҷаҳонафрӯз*
*Мекунад сайри ҷаҳон имрӯз.*

*Эй ҷавонӣ, навҷавонӣ кун,*
*Ту уқобӣ, парфишонӣ кун.*
*Зиндагӣ, эй зиндагии сабз,*
*Зинда бошу зиндагонӣ кун.*
*Иди Наврӯзи ҷаҳонафрӯз*
*Мекунад сайри ҷаҳон имрӯз.*

2

*Тоҷикистон ҷойи хуршед аст,*
*Хонаи армону уммед аст,*
*Ҳар куҷое бингарӣ, меҳр аст,*
*Ҳар куҷое пониҳӣ, ид аст.*
*Марҳабо Наврӯзи Истиқлол*
*Парчами пирӯзи Истиқлол.*

*Оби мо софу дили мо соф,*
*Остони манзили мо соф.*
*Кас наметонад биолояд,*
*Баски буда аввали мо соф.*
*Марҳабо Наврӯзи Истиқлол*
*Парчами пирӯзи Истиқлол.*

*Дасти мо бо дасти инсонҳост,*
*Ҷони мо пайвастаи онҳост,*
*Дар сари мо ёди фардоҳо,*
*Дар дили мо аҳду паймонҳост.*
*Марҳабо Наврӯзи Истиқлол*
*Парчами пирӯзи Истиқлол.*

3

*Чеҳраи мардум фурӯзон аст,*
*Ғунчаи дилҳо шукуфон аст,*
*Иди аҷдодии мо имрӯз*
*Рӯнамои Тоҷикистон аст.*
*Ёла то ёла – ҳама гуллпӯш,*
*Сина то сина ҳама пурҷӯш.*

*Ҷашни Истиқлол – Наврӯз аст,*
*Хандаи иқбол – Наврӯз аст.*
*Ин шукӯҳу шаҳмати олӣ*
*Марҳабои Тоҷикистон аст.*
*Ёла то ёла – ҳама гуллпӯш,*
*Сина то сина ҳама пурҷӯш.*

*Кӯҳҳову сарбаландиаш,*
*Боғҳову дилписандиаш,*
*Ин ҳама зебу фари Фирдавс*
*Аз барои Тоҷикистон аст.*
*Ёла то ёла – ҳама гуллпӯш,*
*Сина то сина ҳама пурҷӯш.*

*То ки нури тоҷикӣ барҷост,*
*То ғурури тоҷикӣ барпост,*
*Осмон чун қолии нилӣ*
*Зери пойи Тоҷикистон аст.*
*Ёла то ёла – ҳама гуллпӯш,*
*Сина то сина ҳама пурҷӯш.*

*Умри мо сабзу гулафшон бод,*
*Рӯзи мо неку пурэҳсон бод,*
*Баҳри мо ин файзи наврӯзӣ*
*Аз атои Тоҷикистон аст.*
*Ёла то ёла – ҳама гуллпӯш,*
*Сина то сина ҳама пурҷӯш.*




**“Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, орзую ормон, расму оийн, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии миллатамон буда, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳангию миллии моро дар таркиби худ ҳифз кардааст.”**

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: АЗ ПАЙДОИШ ТО БА ҲОЛ

**Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои фарҳангии башарият ба ҳисоб меравад. Он рамзи оғози баҳор, эҳёи табиат ва оғози соли нави хуршедӣ мебошад. Таърихи Наврӯз беш аз шаш ҳазор сол буда, бо фарҳанг, ҷаҳонбинӣ ва тарзи зиндагии халқҳои ориёӣ зич алоқаманд аст. Алҳол Наврӯз ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф шуда, нақши муҳим дар таҳкими дӯстӣ ва ҳамбастагии халқҳо дорад.**



Пайдоиши Наврӯз ба давраҳои хеле қадими таърих тааллуқ дорад. Бисёре аз муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ин ҷашн дар байни халқҳои ориёӣ ба вуҷуд омадааст. Наврӯз бо ҳодисаи астрономии баробаршавии шабу рӯз дар баҳор алоқаманд мебошад. Дар ин рӯз давомнокии шаб ва рӯз баробар шуда, табиат ба марҳилаи нави ҳаёт ворид мегардад.

Дар замонҳои қадим мардум ин падидаро ҳамчун рамзи ғалабаи нур бар торикӣ ва оғози давраи нави зиндагӣ медонистанд. Аз ҳамин сабаб Наврӯз на танҳо ҷашни табиат, балки ҷашни умед, эҳё ва зиндагии нав низ ҳисобида мешавад.

Наврӯз дар давраи тамаддунҳои қадим аҳамияти махсус дошт. Дар замони Ҳахоманишиён (асрҳои VI–IV то милод) Наврӯз ҳамчун ҷашни давлатӣ таҷлил мешуд. Дар он давра маросимҳои бошукӯҳ баргузор карда мешуданд. Намояндагони халқҳои гуногун ба дарбор омада, ба шоҳ туҳфаҳо тақдим мекарданд.

Баъдтар, дар давраони Сосониён Наврӯз боз ҳам бештар рушд кард. Маросимҳои гуногун, аз ҷумла ороиши дастархони идона, баргузории базмҳо ва намоишҳои мардумӣ шакл гирифтанд. Ин анъанаҳо то ҳол дар фарҳанги бисёр халқҳо боқӣ мондаанд.

Наврӯз дар осори адабии бисёр шоирон ва мутафаккирони бузург мавқеи хос дорад. Шоирони маъруф дар ашъорашон аз зебоӣ ва аҳамияти ин ҷашн ёд кардаанд.

Аз ҷумла, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шеърҳои худ аз омадани баҳор ва Наврӯз бо шодӣ ёд мекунад. Инчунин Абулқосим Фирдавсӣ дар асари машҳури “Шоҳнома” пайдоиши Наврӯзро ба подшоҳи афсонавӣ Ҷамшед нисбат медиҳад.

Ҳамчунин донишманд ва шоири бузург Умари Хайём оид ба тақвим ва астрономия ба масъалаи ҳисобкунии соли нави хуршедӣ ва Наврӯз диққати махсус додааст.

Дар асрҳои миёна Наврӯз дар минтақаҳои гуногун паҳн гардид. Он дар сарзаминҳои Эрон, Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва Қафқоз бо анъанаҳои гуногун таҷлил карда мешуд.

Бо вуҷуди тағйиротҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ Наврӯз тавонист дар байни мардум зинда монад. Сабаби асосии ин устуворӣ дар он буд, ки Наврӯз бо табиат, кишоварзӣ ва зиндагии ҳаррӯзаи мардум зич алоқаманд аст.

Кунун Наврӯз дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва дигар давлатҳо бо тантанаи хос таҷлил мегардад.

Наврӯз дорои анъанаҳои гуногун мебошад: омода кардани хӯрокҳои идона, баргузор кардани бозиҳои миллӣ, дидорбинии хешу табор ва оростани дастархони идона. Дар баъзе аз кишварҳо дастархони махсуси «ҳафтсин» ё «ҳафтшин» омода карда мешавад, ки рамзи фаровонӣ ва некбахтӣ мебошад.

Аҳамияти ҷаҳонии Наврӯз боиси он гардид, ки ҷомеаи байналмилалӣ ин ҷашнро расман эътироф намояд. Соли 2009 Наврӯз ба рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии башарият аз ҷониби ЮНЕСКО дохил карда шуд.



Сипас, соли 2010 Созмони Милали Муттаҳид 21 мартро ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон намуд. Ин иқдом аҳамияти фарҳангии ин ҷашнро дар сатҳи ҷаҳонӣ боз ҳам баландтар гардонд.

Наврӯз танҳо ҷашни тақвимӣ нест. Он дорои арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ин ҷашн мардумро ба дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми табиат ва нигоҳ доштани анъанаҳои миллӣ даъват мекунад.

Дар кишварҳои гуногун Наврӯз ҳамчун рамзи сулҳ ва ҳамбастагӣ таҷлил мегардад. Ҷашни Наврӯз инчунин ба рушди фарҳанг, сайёҳӣ ва муаррифии мероси таърихии халқҳо мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, Наврӯз яке аз қадимтарин ва арзишмандтарин ҷашнҳои фарҳангии ҷаҳон мебошад. Ҷашнгирии он аз давраҳои бостон сарчашма гирифта, то ҳол ҳамчун рамзи эҳёи табиат, дӯстӣ ва ҳамбастагии инсонҳо боқӣ мондааст. Бо эътирофи байналмилалӣ, Наврӯз ба як пули фарҳангӣ миёни халқҳои гуногуни ҷаҳон табдил ёфтааст ва аҳамияти он сол то сол бештар мегардад.

**А. Самариддин**

# ИМЗОИ СОЗИШНОМАИ ҲАМКОРӢ БО ПАНҶ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ӮЗБЕКИСТОН

**Дар доираи баргузории Форуми сеюми байналмилалии ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти унвони «Таҳсилоти олӣ ва илм дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: уфуқҳои нави ҳамкорӣ», ки дар арафаи Наврӯзи оламафрӯз баргузор гардид, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо панҷ муассисаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонд. Онҳо Донишгоҳи давлатии меъморӣ ва сохтмони Самарқанд, Донишгоҳи давлатии техникии Фарғона, Донишкадаи давлатии техникии Андиҷон, Донишгоҳи давлатии Термез ва Донишгоҳи технологии кӯҳию металлургии Навоӣ мебошанд.**

Ёдовар мешавем, ки Форуми сеюми байналмилалии ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 12 - 14 марти соли равон дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид. Тибқи иттилои расида, дар он ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёда аз 60 нафар ректорону проректорони донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон иштирок намуданд.

Зимни ифтитоҳи ҳамоиш вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, вазири маориф ва инноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Конгратбой Шарипов ва Сафири Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эргаш Шоисматов оид ба муносибатҳои дӯстонаи ҳар ду кишвар, бахусус ҳамкорӣ дар соҳаи илму маориф, ёдовар шуда, аз рушди муносибатҳои дӯстона байни Тоҷикистону Ӯзбекистон ва аҳамияти баргузории форум барои тавсеаи ҳамкориҳои илмӣ-таълимӣ изҳори назар намуданд.

Дар қисмати яке аз ҷаласаҳои умумӣ ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Зоир Раҳмонзода дар мавзуи «Самтҳои ҳамкории Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун омили рушди устувори иқтидори илмӣ-таълимӣ» маърӯза намуда, нақши ҳамоишро дар таҳкими робитаҳои илмӣ ва густариши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олии ҳар ду кишвар муҳим арзёбӣ кард.

Ҳамчунин зикр гардид, ки дар айни замон соҳаи маориф ба яке аз захираҳои муҳимми стратегии ҳар як давлат табдил ёфта, рушди он ба таҳкими рақобатпазирии кишварҳо дар шароити ҷаҳони муосир мусоидат мекунад.

Пас аз анҷоми маросими баимзорасонии созишномаҳои нави ҳамкорӣ байни муассисаҳои таҳсилоти олии ҳар ду давлат таъкид гардид, ки мунтазам доир намудани чорабиниҳои судманд ба густариши уфуқҳои таҳсилот, таҳкими робитаҳои илмӣ байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак мусоидат намуда, барои рушди иқтидори илмӣ ва зеҳнии кишварҳо ва дар маҷмӯъ, минтақа такони ҷиддӣ хоҳанд расонд.

**“Фановар”**





**6 марти соли равон дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо иштироки роҳбарият, омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни муассиса бахшида ба Рӯзи Модар (8-уми март) ҷамъомади идона доир шуд.**

Зимни он, ки ба оғози фасли зебои сол – баҳори нозанин рост меояду рамзи эҳтирому қадршиносӣ нисбат ба занону модарон ҳисобида мешавад, нақши бузурги модар дар ҷомеа, тарбияи насли наврас ва таҳкими арзишҳои маънавӣ муҳим арзёбӣ гардид.

Дар ибтидо, ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, иброз дошт, ки замони соҳибистиқлолии мамлакат бо ташаббуси бевоситаю сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, баҳри иштироки фаъолонаи занону духтарон дар ҳама соҳаи ҳаёти ҷомеа фазои мусоиди корӣ муҳайё гардида, шуълаи умед, эътимод ва эҷод ҳамеша фурӯзон аст. Ин омил дар пешбурди босамари фаъолият заминаи устувор гузошт ва имкон фароҳам овард, ки бонувони мамлакат дастовардҳояшонро боз ҳам афзун намуда, дар пешрафти ҷомеа, рушди илму маърифат ва тарбияи мутахассисони соҳибкасб саҳми арзанда гузоранд.

Сипас, ректори муассиса ба як қатор кормандону омӯзгорзанон, ки бо фаъолияти пурсамар ва меҳнати содиқона дар рушду пешрафти муассиса саҳми назаррас гузоштаанд, ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ супорид.

Қисмати фарҳангии чорабинӣ бо барномаи рангини дастаи ҳунарии «Зуҳал»-и донишгоҳ идома ёфт. Ҳунармандони ҷавони он бо иҷрои суруду таронаҳои дилнишин ва рақсу оҳангҳои ҷаззоб фазои идонаро боз ҳам гарму хотирмон гардониданд.

Хулас, ҷамъомад бо арзи сипосу муҳаббату эътирофи он ҳама заҳмату фидокорие, ки офарандагони ҳаёти башар бо қалби пур аз меҳр ба фарзанд мебахшанд, ҷараён гирифт ва дар анҷоми он иштирокчиён бори дигар тамоми модарону бонувони гиромиро ба муносибати Рӯзи Модар табрик гуфта, ба онҳо тандурустӣ, хушбахтӣ, рӯзгори пурфайз ва комёбиҳои нав таманно намуданд.

## Таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ





# ГУСТАРИШИ ҲАМКОРӢ БО ДОНИШГОҲИ HERIOT-WATT

**5 марти соли ҷорӣ вохӯрии ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳмонзода Зоир Файзалӣ бо намояндагони Донишгоҳи Ҳериот-Ватт (Heriot-Watt University)-и Шотландия - директори департаменти рушди байналмилалӣ Ҷаред Филиппӣ ва роҳбари шуъбаи байналмилалӣ Беата Кристал баргузор гардид.**

Раҳмонзода З. Ф. меҳмононро бо дастовардҳо, имкониятҳои илмию таълимӣ ва дурнамои рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон шинос намуда, доир ба самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ маълумоти муфассал пешниҳод кард.

Донишгоҳи Ҳериот-Ватт яке аз донишгоҳҳои бонуфузи тадқиқотии ҷаҳон ба шумор рафта, дорои таҷрибаи ғанӣ дар соҳаи таҳсилоти байналмилалӣ, инноватсия ва рушди илм мебошад. Намояндагони он низ дар бораи дастовардҳои илмӣ ва таълимии донишгоҳ маълумот пешниҳод намуда, имкониятҳои ҳамкорӣ дар самтҳои сохтмони интеллектуалӣ (Smart Construction), энергияи сабз (Green Energy), робототехника ва зеҳни сунъӣ, инчунин омодасозии мутахассисони баландихтисосро муҳим арзёбӣ карданд.

Зимнан, Раҳмонзода З. Ф. таъкид намуд, ки ҳамкорӣ бо чунин муассисаи бонуфуз ва омӯзишу татбиқи таҷрибаи пешқадами он имконияти арзишманд ҷиҳати такмили сифати таҳсилот, рушди таҳқиқоти илмӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ва таҳкими мавқеи байналмилалӣ фароҳам меорад.

Гузашта аз ин, ҷонибҳо масъалаҳои омодасозии мутахассисон дар самтҳои техникию технологӣ, робототехника ва зеҳни сунъӣ, густариши мубодилаи академии устодону донишҷӯён, инчунин роҳандозии лоиҳаҳои муштарак ва таҳқиқоти илмиро мавриди баррасӣ қарор дода, омодагиро барои таҳкими минбаъдаи робитаҳои илмию таълимӣ, рушди ташаббусҳои навоварона ва фароҳам овардани имкониятҳои таҳсил барои донишҷӯён дар ҳар ду муассиса изҳор намуданд.

Ҳамчунин меҳмонон бо дастовардҳои донишҷӯёни ДТТ дар самтҳои ороишу санъати мӯд ва робототехника аз наздик шинос шуда, бо муҳассилини ихтироъкору навовар суҳбати озод анҷом доданд.

Маврид ба зикр аст, ки оғози ҳамкориҳои байни ҳар ду муассиса қаблан дар ҷараёни вохӯрии маҷозӣ, ки бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ баргузор гардид, сурат гирифта буд.

# МУЛОҚОТ БО НАМОЯНДАИ АГЕНТИИ ТАЪМИНИ СИФАТ БАРОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ БРИТАНИЯИ КАБИР

**17-уми марти соли равон бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ намояндаи Агентии таъмини сифат барои таҳсилоти олии Британияи Кабир (QAA) ҷаноби Крис Макинтайр бо мақсади гузаронидани тадқиқот ва таҳлили вазъи кунунии низоми таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ташриф оварда, бо роҳбарият ва масъулини идораи робитаҳои байналмилалӣ мулоқот анҷом дод. Мизбонон меҳмонро бо самимияти хоса истиқбол намуда, оид ба масъалаҳои роҷеъ ба имкониятҳои густариши ҳамкориҳои илмию таълимӣ бо донишгоҳҳои Британияи Кабир ибрози ақида намуданд.**



Сипас, ҷаноби Крис Макинтайр вобаста ба амалишавии лоиҳаи Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистон "Таҳқиқот ва таҳлили низоми таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон", ки ба таҳлили санадҳои меъёрӣ ва низомномаҳои амаликунандаи низоми таҳсилот ва таҳияи тавсияҳо барои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии Британияи Кабир пешбинӣ шудааст, маълумоти муфассал пешниҳод намуд.

Зимни мулоқот роҳбарияти ДТТ вобаста ба саволномаи лоиҳаи болозикр, ки муайян ва таҳлил намудани имконияти мавҷудаи муассиса, монеаҳои эҳтимолии танзимкунандаи фаъолияти ширкатҳои Британияи Кабир ва пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ аз ин кишвар ба Тоҷикистонро дар бар мегирифт, андеша баён карданд.

Инчунин, доир ба масъалаҳои марбут ба рушди бонизоми зеҳни сунъӣ, иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ва дар ин замина, таҳия ва татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ, ташкили мубодилаи академии омӯзгорону донишҷӯён ва гузаронидани машғулиятҳои фосилавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

**Хабарнигори мо**

# ҚАДАМИ УСТУВОР БА СӮИ МУҲИТИ САБЗУ ХУРРАМ



**28 феврали соли ҷорӣ бо ташаббуси Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз ҳудудҳои ҷамоати деҳоти Ҳасанободи ноҳияи Рӯдакӣ, дар доираи татбиқи “Барномаи давлатии кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040”, маъракаи васеи ниҳолшинонӣ баргузор гардид.**

Чорабинӣ мутобиқ ба ҷадвали тақсимоти қитъаҳои замин роҳандозӣ гардида, дар он кормандони дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳои вазорат, инчунин омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолона ширкат варзиданд. Иштироки васеи қишрҳои гуногуни ҷомеа ба ин иқдом ҳусни тоза бахшида, масъулияти шаҳрвандиро нисбат ба ҳифзи муҳити зист боз ҳам тақвият дод.

Зимни маърака дар масоҳати тақрибан 1,5 гектар замин, бо риояи пурраи талаботи агротехникӣ, зиёда аз 1000 бех ниҳоли дарахтони сояафкан ва ороишӣ шинонида шуд. Ин иқдом на танҳо ба беҳдошти вазъи экологии минтақа, балки барои зебо гардондани муҳити атроф ва фароҳам овардани рӯзгори солиму гуворо замина мегузорад.

Шоёни зикр аст, ки татбиқи барномаҳои давлатӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи сабзазоркунӣ, пешгирии таъсири манфии тағйирёбии иқлим ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ аҳамияти муҳим дорад.

Маъракаҳои ниҳолшинонӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати экологӣ дар кишвар мунтазам идома ёфта, саҳми ҳар як шаҳрванди огоҳро талаб менамояд.

**«Фановар»**

# НАВРӮЗ ДАР ТОҶИКИСТОН 20 МАРТ ФАРО РАСИД




**Соли равон дар мамлакат ҷашни байналмилалии Наврӯзи дилфирӯз, ки паёмовари баҳори нозанин аст, мувофиқи ҳисобҳои астрономӣ 20 март, соати 19-у 45 дақиқаю 53 сония, ба вақти Душанбе, фаро расид.**

Дар ин бора Агентии миллии иттилооти Тоҷикистон «Ховар», бо истинод ба Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, хабар дод.

Маҳз дар ҳамон лаҳзаи зикршуда маркази курси Офтоб дар ҳаракати зоҳирӣ аз нимкураи ҷанубии осмон ба нимкураи шимолӣ гузашт ва нуқтаи буриши масири Офтоб (эклиптика — доирату-л-буруҷ) ва хати иствои осмон (экватор)-ро нуқтаи эътидоли баҳорӣ меноманд.

Назм



**Дар ин гӯша чанд ғазали омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии ДТТ Насруллоҳ Амирализодаро, ки бо тахаллуси Юсуф эҷод мекунад, пешкаш менамоем.**



## МУЖДАИ БАҲОР

*Насими анбарафшони чаман аз кӯйи ёр омад,*
*Ба ҷони хастаи мо муждаи фасли баҳор омад.*
*Ба гӯши гунча гуфт атри насим аз рози маъшуқаш,*
*Ки поёни шаби ҳиҷрону вақти интизор омад.*
*Гуле, ки бо ҳазорон ҷилва дар гулзор механдид,*
*Ба истиқболи булбул бо ҳазорон ифтихор омад.*
*Сари ҳайрат фурӯд овард ҳар барге дар ин гулшан,*
*Ки шоҳи мулки зебоӣ ба тахти лолазор омад.*
*Замин саҷҷодаи сабзе бигустурд аз барои ишқ,*
*Ки султони шукуфон бо ҷалолу иқтидор омад.*
*Чу булбул дар фироқи гул зи ҳад бигзашт фарёдаш,*
*Ба базми ошиқони гул чу масти беқарор омад.*
*Танини рӯд мегӯяд, ғами пайваста хоҳад рафт,*
*Ки ҷӯйи хушки моро боз оби хушгувор омад.*
*Биё, соқӣ, ки дар базми чаман мастон ҳама ҷамъанд,*
*Қадаҳ пур кун аз он шеъре, зи лаъли обдор омад.*
*Шаби ялдои ҳиҷрон шуд тамом аз нури хуршедӣ,*
*Аз ин пасманзари зулмат ҷамоли файзбор омад.*
*Мани ошуфтаро гуфто, чаро хомӯшу дилтангӣ,*
*Бигуфтам, интизорӣ буд ва инак, навбаҳор омад!.*
*Бирав Юсуф, ба гулзоре, ки атри ваҳдате дорад,*
*Бинӯш паймонаи ваҳдат, ки даври рӯзгор омад.*

## ЭҲЁИ НАВРӮЗӢ



*Нафаси боди сабоҳ муждаи гулзор овард,*
*Тӯтиро боз ба гуфтору ба минқор овард.*
*Аламӣ сабз барафрохт ба кӯҳсор гиёҳ,*
*Пайки шодӣ ба дили ташнаи дилдор овард.*
*Абр бар рӯи замин ашки тараб мерезад,*
*Гул зи лабханд, лаби хеш ба изҳор овард.*
*Ҷомаи махмалини сабз ба бар кард чаман,*
*Богро ишваи он қомати дилдор овард.*
*Булбул аз шавқ сароид ғазали тозаи хеш,*
*Нағмаи ишқ ба гӯши мани бедор овард.*
*Соғари лола шуд аз шабнами гулҳо лабрез,*
*Мастиро боз ба саҳрои пурасрор овард.*
*Боди наврӯзӣ чу Исо ба ҷаҳон ҷон бахшид,*
*Мурдаро з-ин ҳама эҳё ба сари кор овард.*
*Сабза бархосту зи хоки сиёҳ омад бурун,*
*Ҳамчу оина ба дидори талабгор овард.*
*Наврӯз омад бишуст аз дили мо гарди малул,*
*Дили моро ба гулистони падидор овард.*
*Юсуфо, хез, ки Наврӯз ба сад пайкари хок,*
*Рӯҳи парвоз зи анфоси сабукбор овард.*

## БАҲОРӢ



*Баҳор омад, ба сад ранг аз гулу гулзор мегӯяд,*
*Зи асрори ниҳони ишқ бо гуфтор мегӯяд.*
*Чу булбул бар сари ҳар шохаи гул мезанад фарёд,*
*Ҳадиси шавқи худро бар гӯши дилдор мегӯяд.*
*Насими субҳдам чун бигзарад аз тарфи гулшанҳо,*
*Паёми васли ҷононро ба сад асрор мегӯяд.*
*Замин гардид бӯстон, осмон шуд маҳви дидораш,*
*Малак аз чархи ҳафтум зикри он Ҷаббор мегӯяд.*
*Биё, соқӣ, ки вақти айшу мастиву тараб омад,*
*Ки ҳар як зарраи олам зи рӯи ёр мегӯяд.*
*Таҷаллои ҷамоли Ӯст дар ҳар барги гул пинҳон,*
*Ки олам аз зуҳури он рухи дидор мегӯяд*
*Кушода соғари гул лаб аз он майхонаи ваҳдат,*
*Зи мастиҳои бепоёни он аттор мегӯяд.*
*Варақ гардонд саҳроро баҳору шуд ҷаҳон гулшан,*
*Ки сабза аз ҳуруфи дафтари асрор мегӯяд*
*Бишӯяд чеҳраи гулро зи гарди ғуссаву ҳасрат,*
*Зулоли чашма аз он покии анвор мегӯяд.*
*Ба гӯши ҷони мо Юсуф садои ишқ меояд,*
*Ки ин Наврӯзи олам аз дили бедор мегӯяд.*

Фановар
Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Ҳайати таҳририя

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М.М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорозода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтаномаи «Фановар» 27-уми декабри соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 409/рз-97.

Ҳафтанома дар ҶДММ «Аниса-95»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 2000 нусха